**Ёддошти тафоҳум**
**байни Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки марказии Федератсияи Россия, Вазорати молияи Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ**

Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ва аз тарафи дигар Бонки марказии Федератсияи Россия, Вазорати молияи Федератсияи Россия, ки минбаъд Иштирокчиён номида мешаванд,

аҳаммияти густариш ва таҳкими минбаъдаи ҳамкории мутақобилан судмандро эътироф намуда,

барои ноил шудан ба сатҳи баланди саводнокии молиявӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои муосир, инчунин беҳбуд бахшидан ба сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия,

оид ба масъалаҳои зерин ба мувофиқа расиданд:

## 1. Мақсад

1 Мақсади Ёддошти тафоҳуми мазкур рушди ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мебошад.

2. Ҳамкорӣ дар доираи Ёддошти тафоҳуми мазкур мутобиқи қонунгузории давлатҳои Иштирокчиён амалӣ карда мешавад.

## 2. Самтҳои ҳамкорӣ

Ҳадафи Иштирокчиён рушд ва таҳкими ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба дар самтҳои барои тарафҳо манфиатнок, инчунин самтҳои муҳимми фаъолияти Иштирокчиён мебошад, аз ҷумла, бо самтҳои зерин маҳдуд нашуда:

1) мубодилаи иттилоот ва таҷриба:

дар самти таҳияи чорчӯбаи салоҳиятњо дар соҳаи саводнокии молиявӣ барои гурӯҳҳои гуногуни мақсадноки аҳолӣ, ворид намудани унсурҳои саводнокии молиявӣ ба стандартҳои таълим, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маводи омӯзишию методӣ оид ба саводнокии молиявӣ барои таълимгирандагони тамоми зинаҳои низоми маориф, табодули таҷрибаи беҳтарини таълимӣ барои фарогирӣ ва интишори он;

дар самти таҳияи маводи таълимӣ ва омӯзишӣ оид ба саводнокии молиявӣ барои калонсолон, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, нафақагирон,

сармоягузорони навкор, инчунин намояндагони соҳибкории хурду миёна, табодули таҷрибаи беҳтарини таълимӣ барои фарогирӣ ва интишори он;

дар самти бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва дастгирии методии кормандони соҳаи омӯзгорӣ, муаллимон ва мутахассисони дигари соҳаи саводнокии молиявӣ, таҳия ва такмили таъминоти барномавӣ-методӣ барои такмили ихтисоси кормандони соҳаи омӯзгорӣ, муаллимон ва мутахассисони дигари соҳаи саводнокии молиявӣ, мониторинг ва арзёбии самарабахшӣ;

дар самти созмондиҳӣ, истифода ва пешбурди технологияҳои рақамӣ ва захираҳои маълумотӣ-таълимӣ дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, аз ҷумла саводнокии молиявии рақамӣ;

дар самти мониторинг ва арзёбии самарабахшии амалишавии стратегияњои миллии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, арзёбии сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, самарабахшӣ ва сифати барномаҳои таълимӣ оид ба саводнокии молиявӣ. Таҳия ва мушаххаскунии нишондиҳандаҳои ифодакунандаи баландшавии сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, арзёбии сифати маводи таълимӣ-методӣ, мониторинги татбиқи барномаҳои таълимӣ оид ба саводнокии молиявӣ барои тамоми зинаҳои низоми маориф;

дар самти баргузории олимпиадаҳо оид ба саводнокии молиявӣ, дигар чорабиниҳои омӯзишӣ ва таълимӣ, баргузорӣ ва ё иштироки калонсолон, шахсони ба синни нафақа расида ва дигар гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ дар иќдому чорабиниҳои муштарки омӯзишӣ барои кӯдакон, ҷавонон;

дар самти рушди ҳаракати волонтёрӣ оид ба саводнокии молиявӣ, дастгирии ташаббусҳои беҳтарини ҷамъиятӣ ва хусусии ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ равонагардида;

ҳамкории байниидоравӣ ва ҳамкории воҳидҳои маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи амалишавии стратегияњои миллии баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ;

- дар ќисмати фаъолияти дигари Иштирокчиён дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ дар доираи салоҳияти онҳо ва тибқи афзалият ва қонунгузории давлатҳои Иштирокчиён.

2) мубодилаи маълумот ва маводи иттилоотии таҳиягардида, маҳсулоти иртиботӣ барои гурӯҳҳои гуногуни мақсадноки аҳолӣ, таҷрибаи баргузор намудани маъракаҳои иттилоотиву маърифатӣ, истифодаи шабакаҳои гуногуни иттилоотонии аҳолӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра.

3) ташкили машваратҳои якҷоя, чорабиниҳои ҳузурӣ ва маҷозӣ оид ба мубодилаи таҷриба, аз ҷумла семинарҳо, мизњои мудаввар, конфронс, таҷрибаомӯзӣ, сафари омӯзишӣ ва дигар шаклҳои мубодилаи маълумот ва таҷриба.

4) Рушд ва амиқсозии фаъолияти мутақобилаи бисёрҷониба, ки ҳамкорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мукаммалсозии амалҳои муштаракро дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ тақвият мебахшад.

### 3. Ҳалли ихтилофҳо

Ихтилофҳо вобаста ба тафсир ва татбиқи Ёддошти тафоҳуми мазкур бо роҳи машварату музокираи Иштирокчиён ҳаллу фасл карда мешаванд.

### 4. Ворид намудани тағйирот

Бо розигии мутақобилаи Иштирокчиён ба Ёддошти тафоҳуми мазкур имкон дорад тағйиру иловаҳо ворид гарданд, ки онҳо дар шакли хаттӣ ба расмият дароварда мешаванд.

### 5. Маблағгузорӣ

Иштирокчиён хароҷоти ба татбиқи Ёддошти тафоҳуми мазкур вобастаро мустақилона ба уҳдаи худ мегиранд, агар дар ҳар як ҳолати мушаххас тартиби дигари маблағгузории хароҷот мувофиқа нагардида бошад. Хароҷоти баргузории чорабинӣ, инчунин масъалаҳои ташкилӣ ба таври иловагӣ бо Иштирокчиён мувофиқа карда мешаванд.

### 6. Татбиқи Ёддошти тафоҳум

Ёддошти тафоҳуми мазкур аз санаи баимзорасонӣ эътибор пайдо намуда, муҳлати амали он се сол мебошад ва ба таври автоматӣ барои давраи сесолии дигар тамдид карда мешавад, агар яке аз Иштирокчиён дар бораи нияти қатъ кардани амали Ёддошти тафоҳуми мазкур на камтар аз 30 рӯз то санаи қатъ гардидани давраи аввал ё охири амали он ба таври хаттӣ огоҳ накунад.

Қатъи амали Ёддошти тафоҳуми мазкур барои иҷрои лоиҳаҳо ва чорабиниҳои муштарак, ки дар давраи татбиқи он оғоз шудаанд, таъсир намерасонад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар байни Иштирокчиён созишии хаттии дигаре мавҷуд бошад.

## 7. Муқаррароти хотимавӣ

Ёддошти тафоҳуми мазкур шартномаи байналмилалӣ нест ва ҳеҷ гуна ҳуқуқу ухдадориҳоеро ба вуҷуд намеорад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ танзим менамояд.

Дар шаҳри Москва «17» марти соли 2025 дар чор нусха, ҳар кадом бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба имзо расонда шуда, ҳамаи матнҳо эътибори ягона доранд.

| | |
|---|---|
| **Аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон** | **Аз ҷониби Бонки марказии Федератсияи Россия** |
| **Аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Аз ҷониби Вазорати молияи Федератсияи Россия** |